**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-078 назди**
**МДТ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**
**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**
**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи**
**илмии номзади илмҳои педагогӣ**

**ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ №______**
*Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 11.10. с.2025, № 38*

**БАРОИ САЗОВОР ДОНИСТАНИ ҚУРБОНЗОДА НИГИНА ҚУРБОН, ШАҲРВАНДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 13.00.08 - НАЗАРИЯ ВА МЕТОДИКАИ ТАҲСИЛИ КАСБӢ (13.00.08.05 – НАЗАРИЯ ВА МЕТОДИКАИ ФАНҲОИ ҶАМЪИЯТӢ)**

Диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир» дар шакли дастнавис аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-078-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков, 1) №27 аз 28 июли соли 2025 ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Қурбонзода Нигина Қурбон дар Шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 31.03.2020, №8 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон дар кафедраи педагогикаи умумии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 28.09.2024 сол муҳокима гардида, барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ интишор шуда, 4 номгӯи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВМ ФР тавсияшуда, ба табъ расидаанд.

**Роҳбари илмӣ: Шаропов Шавкат Аҳмадович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

**Муқарризони расмӣ:**

**- Файзализода Баҳрулло** – доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- Туев Шоҳин Шоевич** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири

кафедраи математикаи олӣ ва информатикаи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:**

**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ».**

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо** аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:

**Тақризи 1. Давлатзода Ҷамила** – доктори илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Шаҳринав". Тақриз мусбат мебошад ва муқарриз эрод надорад.

**Тақризи 2. Абдусамадова Мунира Абдуғафоровна** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд. Тақриз мусбат мебошад ва муқарриз эрод надорад.

**Тақризи 3. Аҳрорӣ Гулчеҳрахон Усмонзода** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муовини директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонони Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Тақриз мусбат мебошад ва муқарриз эрод надорад.

**Тақризи 4. Раҳимов А.А.** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи «Математикаи олӣ ва физика»-и Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд. Тақриз мусбат мебошад ва муқарриз эрод надорад.

Муқарризони беруна масъалаи таҳқиқшавандаро муҳим ва арзишманд ҳисобида, муаллифи диссертатсия Қурбонзода Нигина Қурбонро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 − Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) арзанда донистаанд.

***Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар*** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-078 аз 28-уми июли соли 2025, №27, тибқи талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, асоснок шудааст.

***Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ корҳои зерин анҷом дода шудаанд:***

– Асосҳои назариявии омӯзиши интерактивӣ дар педагогика таҳлил карда шудааст;

– Равишҳои муосири омоданамудани омӯзгорон дар низоми таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд;

– Ҷузъҳои мақсаднок, мундариҷавӣ ва протсессуалии технологияи омодагии омӯзгориояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим муайян шудаанд;

– Технологияи коркардшудаи омодагии омӯзгориояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим ва асоснок кардани самаранокии он мавриди санҷиш қарор гирифтааст.

– Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда, унвонҷӯ собит намудааст, ки ҷорӣ кардани воситаву методҳои интерактивии таълим яке аз самтҳои муҳимтарини такмили омодагии омӯзгорони оянда дар муассисаи таҳсилоти олии муосир мебошад. Инноватсияҳои асосии таълимию методӣ имрӯз бо истифодаи маҳз воситаву методҳои интерактивии таълим алоқамананд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот.** Хулосаҳои ифодашуда ба рушди назарияву методикаи муосири таълиму тарбия (информатика, сатҳи таҳсилоти олии касбӣ) аз ҳисоби асоснок кардани сохтори омодагии омӯзгори ояндаи информатика ба истифодаи ВИТ, марҳалаҳои ташаккули он; муайянкунии ҷузъҳои мақсаднок, мундариҷавӣ ва протсессуалии технологияи омодагии зикршуда саҳм мегузоранд. Муқаррароти таҳқиқот барои ҷустуҷӯҳои илмии минбаъда дар соҳаи баланд бардоштани сифати омодагии касбии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ва омӯзгорони информатика, ҳамчунин фанҳои дигар дар самти дарёфти методҳо, воситаҳои таълим ҳамчун асоси назариявӣ хизмат карда метавонанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот.** Маълумоти дар таҳқиқот ҳосилшуда, инчунин комплексҳои таълимӣ-методӣ оид ба амалисозии омодагии омӯзгори ояндаи информатика барои истифодаи воситаҳои интерактивии таълим метавонанд дар донишгоҳҳои педагогӣ, институтҳои такмили ихтисос барои фаъолияти самаранок ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маҳорати касбии омӯзгорони информатика истифода шаванд, амсила, технологияи педагогии коркардшуда ва тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки роҳбарии педагогии раванди мазкурро омӯзгорон метавонанд дар фаъолияти ҳаррӯзаи амалӣ корбаст намоянд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар муқаррароти зерин ифода ёфт:

– мафҳуми «воситаҳои интерактивии таълим» ҳамчун воситаи фаъолияти касбии омӯзгори информатика барои фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон дақиқ гардид;

– моҳияти омодагии омӯзгори ояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим ҳамчун сифати арзишманди салоҳиятнокии касбӣ муайян шуд;

– намунаи педагогии омода намудани омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ, ки ба шароити мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ шудааст, таҳия ва илмӣ асоснок карда шуд;

– бори аввал шароитҳои педагогӣ, ки ба омодагии самараноки омӯзгорони оянда барои истифодаи усулҳои интерактивии таълим мусоидат мекунанд, муайян карда шуданд;

– тавсияҳо оид ба татбиқи технологияҳои интерактивӣ дар раванди таълими омӯзгорон, ки баландшавии савияи касбии онҳоро таъмин мекунанд, пешниҳод гардиданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо** бо риояи принсипҳои методологии таҳқиқот, асоснокии муқаррароти ибтидоии назариявӣ, таҳлили дастовардҳои муосири илмҳои педагогӣ-психологӣ, салоҳиятнокии гурӯҳчин, интихоб ва истифодаи воситаҳои мувофиқ ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот таъмин карда мешавад.

**Саҳми шахсии муаллиф** аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети он, тарҳрезии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда иборат аст. Муқаррароти назариявию методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки мухтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи довталаб буда, дар заминаи таҳқиқи масъалаи асосҳои педагогии омода намудани омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир ошкор карда шуданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) мувофиқат менамояд: бахши 1 – Методологияи таҳқиқот оид ба назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (дидгоҳҳои илмӣ ба таҳқиқи рушди таҳсилоти касбӣ, робитаи назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо соҳаҳои илми педагогӣ ва илмҳои дигар; робитаи мутақобили назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо амалия; методҳои таҳқиқи таҳсилоти касбӣ); бахши 4 – Омодагии мутахассисон дар муассисаҳои олии касбӣ; бахши 11 – Технологияҳои муосири таҳсилоти касбӣ; бахши 17 – Тарбияи касбӣ: моҳият, равияҳои асосӣ; 18 – Интихоб ва таҳияи мундариҷаи таҳсилоти касбӣ; 26 – Муаммоҳои омӯзиш ва амалигардонии таҷрибаҳои инноватсионии таҳсилоти касбӣ; 29 – Технологияи инноватсионӣ дар соҳаҳои таҳсилоти касбӣ.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 16 нафар, аз онҳо 3 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ 16 нафар,
муқобили додани дараҷаи илмӣ 0 нафар,
бюллетенҳои беэътибор – нест

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 11-уми октябри соли 2025 ба чунин қарор омад, ки диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи **«Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир»** кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295), комилан ҷавобгӯй мебошад ва дар ин замина

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Ба Қурбонзода Нигина Қурбон дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) дода шавад.
2. Хулоса ва қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-078 дар назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи

академик Бобоҷон Ғафуров” дар мувофиқа бо “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти № 267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 қабул гардидааст, тасдиқ карда шавад.

3. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба **Қурбонзода Нигина Қурбон** дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ)-ро диҳад.

**Раиси Шурои диссертатсионии**
**6D.КОА-078, доктори илмҳои**
**психологӣ, дотсент** **Бобоева С.Б.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионии**
**6D.КОА-078**
**номзади илмҳои психологӣ, дотсент** **Зайтметов Ҳ.А.**

**11.10.2025 с.**